**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ФАРМОИШ**

аз «___» _______ соли 2014, №____ ш. Душанбе

Дар бораи Оинномаи Муассисаи давлатии «Ансабли ҷумҳуриявии «Лаъл»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи банди 10 Низомномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №146 тасдиқ шудааст, **ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:**

1. Оинномаи Муассисаи давлатии «Ансабли ҷумҳуриявии «Лаъл»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Директори Муассисаи давлатии «Ансабли ҷумҳуриявии «Лаъл»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Соқиева О. дар муҳлати як моҳ азнавбақайдгирии муассисаро дар мақомоти дахлдори давлатӣ таъмин намояд.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Вазир Мирзоев А.Н. гузошта шавад.

Вазир С. Тағоева

Фармоишро омода кард:

Директори Муассиса Соқиева О.

Мувофиқа карда шуд:

Муовини Вазир Мирзоев А.Н.

Сардори Раёсати ҳуқуқ Шоназаров Х.А.

Замима
бо фармоиши Вазири меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «___» апрели соли 2014, №___
тасдиқ шудааст

# ОИННОМАИ
Муассисаи давлатии «Ансамбли
ҷумҳуриявии «Лаъл»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ш. Душанбе - 2014

## 1. Муқаррароти умумӣ.

1.1. Ансамбли ҷумҳуриявии «Лаъл»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъ Муассиса) тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №146 «Дар бораи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Номгӯи ташкилотҳои системаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

1.2.Муассиса шахси – ҳуқуқи буда, мухр ва дигар аломатҳои шахси – ҳуқуқиро дорост. Ҳолати ҳуқуқии Муассиса мувофиқи моддаи 132 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

1.3. Муассис ва соҳибмулки Муассиса (минбаъд Муассис) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва мақоми ваколатдори он дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №146 Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Точикистон мебошад.

1.4. Муносибати байни Муассис ва Муассиса бо ҳуҷҷатҳои муассисии Ансамбл, инчунин меъёрҳои қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

1.5. Номгӯи расмии Ансамбл:

- бо забони давлатӣ: Муассисаи давлатии «Ансамбли ҷумҳуриявии «Лаъл»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- бо забони русӣ: Государственное учреждение «Республиканский ансамбль «Лаъл».

1.6. Суроғаи Муассиса:, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Навоӣ, 5/1 мебошад.

## 2. Мақсад ва намудҳои фаъолияти Муассиса

2.1. Мақсадҳои асосии Муассиса инҳоянд:

Асоси фаъолияти Муассиса ин эҷодӣ, намоишӣ (рекламави) ба ҳисоб меравад:

- ба таври системативи расонидани ёрии амалию методологӣ ба кружокҳои худфаъолияти муассисаҳои таълимии системаи вазорат;

2.2.Барои расидан ба мақсадҳои оинномавии худ Муассиса намудҳои фаъолиятро ба амал мебарорад:

- иштирок дар чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва соҳавӣ;
- иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ
- намоиши консертҳо бо мақсади фароҳам овардани истироҳати мадании шаҳрвандон;
- ташкили намоишҳои консертӣ дар саҳнаҳои касбӣ ба муносибати ҷашнҳои давлатӣ ва соҳавӣ;
- тарғибу эҳёи санъати миллӣ, ҳисси зебопарастӣ ва ватандустӣ дар байни хонандагони муассасаҳои литсейҳои касбии системаи вазорат;
- тайёр намудани кадрҳои соҳаи санъат;
- ташкили студияи санъати кӯдакон, наврасон ва ҷавонон;

-дар заминаи мактабҳои таҳсилоти ҳамагони тайёр намудани кадрҳои соҳави барои Ансамбл;

-ташкил намудану ивазкунии таҷрибаи кори кружокҳои худфаъолиятии муассисаҳои таълимии литсейҳои касбӣ;

-расонидани ёрии амалӣ ба роҳбарони кружокҳои худ фаъолият дар тартиб додани нақшаи фаъолияти эҷодӣ;

- бо ҳамроҳии роҳбарони муассисаҳои таълимии системаи вазорат ҷо ба ҷо гузоштани роҳбарони кружокҳои худфаъолияти онҳо;

-ташкил ва гузаронидани семинар ва ҷамомадҳо бо ҳамроҳии кружокҳои худфаъолияти муассисаҳои таълимии литсейҳои касбӣ;

- гузаронидани конкурсҳо барои дарёфти ҷойҳои намоён дар намуди фаъолият;

2.3.Барои ба амал баровардани фаъолиятҳое, ки иҷозати махсус (литсензия) лозим аст, танҳо дар сурати мавҷуд будани он амали гардонида мешавад.

**3. Моликият ва воситаҳои Муассиса**

3.1. Моликияти Муассиса аз фондҳои асосӣ ва воситаҳои гардишӣ, инчунин арзишҳои дигаре, ки бо қарори Муассис дар тавозуни мустақили Муассиса муайян карда шудаанд, иборат мебошад.

3.2. Амволи Муассиса моликияти давлатӣ буда, ба Муассиса бо ҳуқуқи идоракунии оперативӣ вобаста карда шудааст.

3.3. Муассиса ба молу мулки вобасташуда дар доираи муайяннамудаи қонунгузорӣ, мутобиқи мақсади фаъолияти хеш ва таъиноти молу мулк, ҳуқуқи ихтиёрдориро доро мебошад.

3.4. Муассиса ҳуқуқ надорад амволи ба ихтиёраш гузошташуда ё аз ҳисоби маблағи тибқи харҷнома харидашударо фурӯшад, ё онро бо тарзи дигар соҳибӣ намояд.

3.5. Манбаъҳои ташкил ёфтани амволи Муассиса:

- даромадҳое, ки аз фаъолияти Муассиса ба даст омадаанд:

- қарзҳои бонкӣ ва маблағгузориҳои дигар;

- пардохтҳои бебозгашт ва хайриявӣ, хайрияҳои ташкилоту муассисаҳо ва шахсони алоҳида;

3.6. Муассиса дар назди мақомоти давлатӣ оид ба супоридани андоз, нишондиҳандаҳои оморӣ ва ғайра мустақилона ҳисобот медиҳад.

3.7. Муассиса воситаҳои пулии худро дар ҳисобҳои муассисаҳои бонкӣ нигоҳ медорад ва тамоми намудҳои фаъолияти бонкиро мувофиқи қонунгузорӣ ба амал мебарорад.

**4. Идоракунии Муссиса**

4.1. Мақомоти олии идоракунии Муассиса Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

4.2. Муассисаро директор роҳбарӣ мекунад, ки аз ҷониби Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

4.3 Муовини директор ва сармуҳосиби Муассиса бо пешниҳоди дирктори Муассиса аз ҷониби Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани.

4.4. Ба салоҳияти Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо дохил мешаванд:

- тасдиқ намудани Оинномаи Муассиса ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он;
- тасдиқ намудани басти вазифаҳо ва фонди музди меҳнати кормандони Муассиса дар доираи нишондиҳандаҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин сметаи хароҷоти таъминоти онҳо дар доираи маблағҳои ҷудогардидаи буҷетӣ барои давраи муайян дар буҷети давлатӣ пешбинишуда;
- тасдиқ намудани нақшаи ҳарсолаи корӣ ва ҳисоботи фаъолияти Муассиса;
- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида пешниҳод манзур намудан дар бораи таъсис, таҷдид ва барҳам додани Муассиса;
- бекор кардани қарорҳои Муассиса, ки ба қонунгузорӣ мухолифат менамоянд, агар тартиби дигари бекор кардани қарорҳо бо қонун муқаррар нагардида бошад;
- таъин намудани санҷиши фаъолияти Муассиса;
- амалӣ намудани дигар ваколатҳо, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

4.5. Ба ваколатҳои директори Муассиса инҳо дохил мешаванд:

- ташкил намудани роҳбарии умумиии фаъолияти Муассиса;
- аз номи Муассиса бе ваколатнома амал намудан, мувофиқи қонунгузории ҷорӣ идора кардани молу мулк ва маблағҳои Муассиса, бастани қарордоду созишномаҳо;
- манфиатҳои Муассисаро аз рӯи масъалаҳое, ки ба салоҳияти он дохил мешаванд, дар дигар мақомотҳои давлатӣ, созмонҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҳимоя намудан;
- додани ваколатномаҳо, кушодани суратҳисоб ва дигар ҳисобҳо тибқи қонунгузорӣ дар бонкҳо;
- барои тасдиқ ба Вазир пешниҳод намудани басти вазифаҳо, фонди музди меҳнати кормандон ва сметаи хароҷоти Муассиса;
- тибқи қонунгузорӣ ба кор қабул намудан ва аз кор озод намудани кормандони Муассиса, додани мукофот ва муҷозот ба онҳо;
- ҳавасмандгардонии кормандони Муассиса мутобиқи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад;
- муайян намудани уҳдадориҳои вазифавии муовини худ ва кормандони Мауссиса;

- дар дигар ваколатҳо додани фармоишу супоришҳо, ки иҷрояшон барои ҳамаи кормандони Муассиса ҳатмӣ мебошад.

4.6. Директори Муассиса барои иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои ба Муассиса гузошташуда масъулияти шахсӣ дорад.

## 5. Назорат

5.1. Назорати молиявию хоҷагидории фаъолияти Муассиса аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## 6. Аз навташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Муассиса

6.1. Аз нав ташкил (муттаҳид, ҳамроҳ, тақсим, ҷудо, табдил) кардани Муассиса бо қарори Муассиси он ба амал бароварад мешавад.

6.2. Муассиса дар асос ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷуиҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешавад.

## 7. Тартиби ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи Муассиса

7.1. Оинномаи Муассиса ва дохил намудани тағйироту иловаҳо ба Оиннома аз тарафи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва ба амал бароварда мешавад.

7.2. Ҳар гуна тағйиру иловаҳое, ки ба Оиннома дохил карда мешаванд, аз тарафи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, дар мақомоти дахлдор ба қайд гирифта мешаванд.